Агар ба таърихчаи давлатдории точикон дар замони муосир, махсусан, замони даргирихои бемаънии ибтидои солхои навадуми асри гузашта як каме мурур кунем, хохем дарёфт, ки чӣ мушкилоте домангири давлатмардони вакт будааст ва онхо дар киболи чӣ мушкилоте истод шудаанд.

Имрӯз бар асоси шунидаю мутолеот сари масоили бунёди давлат ва рохандозии сиёсати муваффакона дар каламрави чумхурӣ сухбату фазлфурӯшӣ кардан ва зиёда аз ин, чанд сахифаеро сиёх намудан бисёр осон аст. Вале ба назар гирифтани шароит ва хассосияти замон бисёр мухим аст. Ба ин манзур дар он замони хассос, яъне ибтидои солхои навадум ба эътидол овардани вазъи баамаломада, ба оромии сиёсӣ, фархангӣ, ичтимоӣ ва фикрӣ расондани мардум ва ба хам овардани онхо чуръату часорати фавкулодаро такозо мекард. Азбаски дастгоххои давлатӣ ва сохтори сиёсии кишвар дар он замон ба гирдоби мушкилоти дохилӣ гӯтавар ва фалач шуда буданд, имкони бозсозӣ ва тачдиди мудирияти давлатӣ ба сифр баробар гардид. Ба болои ин мусибат, аз фурсат истифода бурда, тахиягарони бозихои сиёсӣ дар минтакахои хассоси кишвар тухми ихтилофоти динӣ - мазхабӣ коштанд, ки бар асари он чанги шахрвандӣ доман густурд. Дар чунин вазъияти хассоси сиёсию ичтимоӣ 16 ноябри соли 1992 дар Касри Арбоби шахри бостонии Хучанд Ичлосияи XVI Шӯрои Олӣ баргузор шуд ва Хукумати конунӣ рӯйи кор омад. Барои халли мунокишахои сиёсӣ Хукумати конститутсионӣ саъю талош намуд ва аз созмонхои минтакавӣ ва байналмилалӣ даъват ба амал овард, ки чихати расидан ба сулху субот ва вахдати миллӣ мусоидат намоянд.

Хамин тарик, Эмомалї Рањмон замоне ба сари њокимият омад, ки тамоми сохтор ва дастгоњи давлатї ва њукуматї бар асари даргирињои бемаънї, ноълурию дарњамбарњамињои сиёсї билкул фалаљ шуда, кишвар ба вартаи љанги шањрвандї афтода буд. Манзараи дањшатовар ва хашини љанги шањрвандї њатто имрўз њам, бо гузашти зиёда аз бисту хафт сол хобу хаёли мардуми ќаламрави Љумњурии Тољикистонро тарк накардааст ва чун кобуси вањшатзо олами руъёи халкро тањдид мекунад. Дар чунин вазъи фољеабор, ки њатто аз бародар њам таваќќўъ ва умедворї доштан ѓайриимкон шуда буд, Эмомалї Рањмон ба арсаи сиёсат ва давлатдории ватанї ворид гардид ва љасурона дар ин масири мушкилписанди сиёсї гомњои устувор бардошт.

Паймудани масири хатарнок ва печидаи сиёсат дар он замон кори сањлу осон набуд ва њар кї дар замону макони мазкур дар њавзањои сиёсї ва идорї кору фаъолият кардааст, њолат ва вазъи куллии минтаќавиро хуб дар ёд дорад. Дар шароити мудњиш ва вахшатзои давр ба сари кор омадан ва ба таври таъљилї сару сомон додани ибтикороту тадбироти мушаххас љуръат ва худкифоияти вижаро таќозо менамуд. Гузашта аз ин, њангоми баргузор шудани Иљлосияи шонздањуми Шўрои Олї аз назари синнусолї Эмомалї Рањмон њанўз чињилсола буд ва ќатъи назар аз он ки ба сиёсати бузург ворид нагардида, дар њавзаи сиёсатњои минтаќавї ва љањонї таљрибаи андак дошт, на танњо нањаросид, балки бо шўру шавќи миллї ва номуси ватандорї ба вазифаи Раиси Шўрои Олї пазируфта шуда, аз рўзњои нахустини њукуматдорї, бо такя бар виљдону имони яќин, фазои муносиби зистї ва муњити бози сиёсию иљтимої ва фарњангї муњайё сохт. Аз ин лихоз, муњимтарин дастоварди Иљлосияи шонздахуми Шўрои Олї он буд, ки шахсияти миллию мардумиро дар симои Эмомалї Рањмон ба арсаи рањбарї ва давлатдорї дар марњилаи навини таърихї овард ва ин марди майдони сиёсати минтаќавї ва башарї бо рўњи ќавии миллї, на танњо вазъро ба эътидол оварда, созиши миллиро дар сатњи иљтимої таъмин намуд, балки дар эъмори давлат, тањкими Истиќлолияти давлатї ва сиёсати миллї дар миќёси байналмилалї сањми сазовор гузошт. Бар мабнои сифоти њасанаи шахсї ва ахлоќи миллию мардумї – мањорат, матонат, њиммат, љасорат, садоќат, фазилат, шарофоат, масъулият, адолат, самимият ва муњаббат, Эмомалї Рањмон дар як муддати кўтоњи таърихї муњимтарин дастоварди башарї -- сулњу субот, амнияту њамбастагї, вањдат ва оромиши миллию мардумиро дар минтаќа фароњам овард.

Маълум аст, ки сохтор ва дастгоњи фалаљшудаи давлатї, ки нимаи дуюми моњи ноябри соли 1992 ба Эмомалї Рањмон мерос монд, на тармим, балки эњё ва бозтавлидро талаб мекард. Ба таъбири дигар, Роњбари давлат бояд давлат ва салтанати ба муќтазиёти замон мутобиќро заминагузорї мекард ва пешорўйи Эмомалї Рањмон мушкилоти сангин ќарор дошт. Пеш аз њама, зењни Савари давлатро он замон (воќеан, имрўз њам Президенти љумњурї амнияти миллї ва тафоњуми мардумиро асоси фаъолияти рўзмарра ќарор додааст ва њамеша болои ин нукта тамаркуз мекунад) оромиши иљтимої, субот ва амнияти сиёсї ва бар мабнои он, баргардонидани муњољирони иљборї аз хоки Афѓонистон банд карда буд. Ба њамаи ин нигоњ накарда, мардуми Тољикистон соли 1994 тариќи раъйпурсии умумихалќї Президентро интихоб ва Конститутсияи миллиро ќабул намуд. Раъйи мардум сўйи мардумсолорї, њуќуќбунёдї ва дунявият гироиш пайдо намуд ва ин роњи муваффаќ то имрўз Љумњурии Тољикистонро њамсафар аст.

Ба сифати њадафи стратегї ќарор додани бозгашти муњољирон ба ватан, оромиши куллиро дар тамоми манотиќи њассоси љумњурї таъмин намудан, ба сулњ ва ифоќаи миллї расидан ва нињоятан, њамвор сохтани роњи ноњинљори сиёсию мафкуравї миёни шањрвандон ва њамватанон масири њаракати сиёсати маќбули Сарвари давлат ва Президенти Чумхурии Тољикистонро вусъати тоза бахшид.

Таъкид кардани ин нукта зарур аст, ки Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалї Рањмон дар он солњо аз тариќи минбарњои ватанию хориљї бо эњсоси баланди масъулият ва самимияти вежа перомуни масоили њассоси миллї ва манофеи давлатї суњбат мекард. Баъзан дар љаласањои њукуматї ва Шӯрои Олии ваќт ба кӯрдилон, бадхоњон ва фурсатталабоне, ки дар дохили њукумат кор мекарданд ва ошкору нињонї алайњи њадафњои нињойии Сарвари давлат шӯру тавтеа меандохтанд, рӯйирост муќобилият мекард. Љуръат, љасорат, масъулият, шарофат ва инсонияти Эмомалї Рањмон имкон дод, ки бо душманони дохилию берунии давлати љавони миллї рӯйирост даргир шавад ва нагузорад, њадафњои миллї ва манофеи давлатї дар бозињои пасипардагии сиёсї барњадар раванд.

Истиќлолияти сиёсї ва давлатї, ки арзиши олии инсонї мањсуб меёбад, дар натиљаи амалї гардидани барнома ва стратегиящои ин иљлосияи таърихї побарљо мондааст. Дар ин хусус Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалї Рањмон таъкид кардаанд: «Иљлосияи XVI Шӯрои Олї бо таќозои таърих на танњо тифли дар гавњора будаи Истиќлолиятро наљот дод, балки таќдири ояндаи онро муайян сохт ва Тољикистони соњибистиќлолро ба сӯйи љомеаи мутамаддин ва арзишњои волои башарї њидоят намуд». Аз ин љост, ки ба таври бояду шояд шинохтан ва ќадр намудани арзишњои сиёсї, маданї ва давлатдории миллї, ки натиљаи њамин Иљлосияи сарнавиштсози Шӯрои Олї ба њисоб рафта, минбаъд масири сохтмони давлати миллиро дар марњилаи нави таърихї таъйин кардааст, вазифаи њар фарди солимаќли љомеа мебошад.

Албатта, давлатдорї ва мудирияти сиёсї кори њар кас нест, чуноне ки як зумра назарияпардозони дохилию хориљї мепиндоранд. Ба дараљаи пешвои сиёсї ва нињоятан, лидери миллї сабзидан мањорат, таљриба, сиёсат ва љуръату масъулияти фавќулодаро таќозо менамояд. Инчост, ки байти машхури Хоча Хофиз пеши назар меояд:

На хар кӣ тархи кулах кач ниходу тунд нишаст, Кулахдорию ойини сарварӣ донад.

Рањонидани Тољикистон аз вартаи љанги шањрвандї, наљоти марзу буми миллї аз нобудию завол, хунсо кардани наќшањои шуми бозигарони сиёсии минтаќавї ва берунї, барќарор кардани хољагии халќи љумњурї, ки дар њоли порагаштан ва нобудї ќарор дошт, билохира сохтани давлати миллї силсилаи иќдомотеанд, ки Эмомалї Рањмон минхайси Раиси Шӯрои Олӣ ва минбаъд Президенти Чумхурии Точикистон аз Иљлосияи XVI Шӯрои Олї шурӯъ карда, то ба имрӯз анљом дода истодаанд.

Замоне ки мардум ва љомеаро хатарњои гуногун аз њар тараф тањдид мекунанд, шахсиятњои варзидае рӯйи кор меоянд, ки миёни омма аз мањбубияти вежа бархӯрдор буда, бо бархӯрдорї аз таљриботи сиёсї, давлатдорї, фикрї, эљодї ва дар маљмӯъ, њирфавї ва бо мадди назар гирифтани шароит ва вазъи минтаќавию љањонї, љомеаро дунболи худ бурда, аз тањдиду хатарот эмин медоранд. Дар чунин вазъи ногувори ташаннуљи бозињои геополитикї ба хотири њифзу нигањдошти тамомияти арзї ва њувияти миллї атрофи рахбар ва лидери сиёсї, Президенти Чумхурии Точикистон муттахид шудан амри зарурӣ ва вокеияти имрӯзӣ ба хисоб меравад.

Н. Нуров,

устоди ДДФСТ ба номи М. Турсунзода

14 ноябри соли 2019, панчшанбе, соати 15:20